**بسم الله الرحمن الرحيم**

**БА НОМИ ХУДОВАНДИ БАХШАНДАИ МЕҲРУБОН**

# Аҳкоми исломӣ

**Илёс Қосимов**

جامعة المصطفى العالمية

144

Муовинати Пажӯҳиш

**Номи китоб:** Аҳкоми исломӣ

**Нависанда:** Косимов Илёс

**Тираж:** 2000

**Навбати чоп:** аввал, 2009

**Нарх:** 5 сомонӣ

**ISBN:** 978-964-195-029-5

**Ношир:** Интишороти Маркази Ҷаҳонии Улуми исломӣ

**Марокизи пахш**

● Қум, хиёбони Баҳор, ҷанби ҳотели Аз-Заҳро (а), фурӯшгоҳи интишороти Ҷомеат-ул-Мустафо ал-оламия. Телефакс: 02517749875

● Қум, булвори Муҳаммади Амин, сероҳи Солория, ҷанби Ҷомеат-ул-улум, фурӯшгоҳи интишороти Ҷомеат-ул-Мустафо ал-оламия. Телефакс: 02512133104

**www.miup.ir , www.eshop.miup.ir**

**E-mail: admin@miup.ir, Root@miup.ir**

BP0147.19 ص٤

## Муқаддимаи ношир

Ҳадафи ирсоли паёмбарон ва нузули ваҳӣ, бозкардани дидагони инсонҳои саргардон ба сӯи қиёмат буда ва маънобахшӣ ба зиндагӣ ва равшан сохтани он, бо нури ҳидояти илоҳӣ аст. Имон ба Худованди Якто ва рӯзи қиёмат, бунёди ҳамаи пайвандҳои иҷтимоиро дигаргун месозад ва ҷомеаи нав фароҳам меоварад, ки дар он ному ёди офаринанда ва ҳузури ҳамешагии он дар ҳама лаҳзаҳо эҳсос мешавад. Мӯъминон бо пайравӣ аз паёмбарони илоҳӣ, роҳу расми фармонбардорӣ аз Офаридгори Мутаолро меомӯзанд ва бо чангзадан ба аҳкоми исломӣ ва анҷоми дастуроти илоҳӣ, таъми ширини бандагии Худоро мечашанд.

Аҳамияти шинохти аҳкоми илоҳӣ аз манобеи асили баҷомонда ва омӯзиши он ба мӯъминон, низоме аз мадориси илмӣ ва мазоҳиби илмиро дар ҷомеаи исломӣ ривоҷ додааст. Ҳарчанд ҳамаи омилон ба аҳкоми илоҳӣ талош доранд, амалҳояшонро онгуна баҷо оваранд, ки матлуб ва мавриди қабули илоҳӣ аст, аммо омилони аҳли илм, ин дағдағаро бештар дар дил доранд ва дар паи ёфтани ҳақиқат, дар роҳи талошу кушиш қадам мебардоранд ва сахтиҳои онро баҷон мехаранд. Тавфиқ дар ин роҳ, марҳуни ҳақиқат талабии холисона ва бурдбории

олимона аст. Китоби ҳозир ба номи "Аҳкоми исломӣ" асари нависандаи арҷманд Илёс Косимов аз донишомӯхтагони Маркази Ҷаҳонии Улуми Исломӣ аст. Нависанда дар ин асар кӯшида аст масоиле чанд дар мавзуи аҳкомро ба баҳси илмӣ бигзорад ва назароти мухталифро дар ин мубоҳиса саҳим гардонад. Муовинати Пажӯҳиши Маркази Ҷаҳонии Улуми Исломӣ бо сипосу тақдир аз нависандаи муҳтарам ва низ дигар дастандаркорони амри омодасозӣ ва нашри ин асар, тавфиқоти беш аз пешро барои азизон аз даргоҳи илоҳӣ орзуманд аст.

Муовинати Пажӯҳиши Маркази ҷахонии Улуми Исломӣ

Идораи кулли барномарезӣ ва сомондеҳии таҳқиқот

# Феҳрист

**Муқаддимаи ношир ....................................................................5**
**Муқаддимаи китоб ....................................................................9**
**113Ҳукми “Бисмиллоҳ” дар Ислом ..............................................13**
Оёт ва ривоёти ҷаҳрӣ “Бисмиллоҳ" ........................................14
Сираи Имом Алӣ ва Аммор ..................................................17
Аҳодиси мактаби Аҳли Байт ..................................................24
Аҳодиси Умми Салама ..........................................................27
Ривоёти Анас ва тарки Муовия ..............................................28
Аҳодис ва сираи Абӯҳурайра ..................................................41
Ахбори Абдуллоҳ ибни Умар ..................................................46
Ахбори Абдуллоҳ ибни Зубайр ..............................................48
Ахбори Умар ибни Хаттоб (р) ..................................................49
Ахбори Бурайда ......................................................................49
Аҳодиси баъзе саҳобагони дигар ..........................................50
Аҳодис ва сираи Ибни Аббос ..................................................52
Ахбори шогирдони Ибни Аббос ..............................................58
Назароти баъзе аз тобеин ......................................................60
Китобҳое дар ин мавзӯъ ........................................................64
Далели мункирон ....................................................................65
Натиҷа ......................................................................................68
**2. Бастани даст дар намоз ............................................................69**
Раҳо ва кушода будани дастҳо ..............................................78
Аҳодиси мактаби Аҳли Байт ..................................................85
**3. Рӯза дар сафар ва ҳукми он ........................................................91**
Ривоятҳо дар ин замина ........................................................91

**4. Масҳи бар по ............ 101**
Паёмбар ва баёни ояи таҳорат ............ 103
Аҳодиси дигар ............ 105
Аҳодиси Имом Алӣ ва дигарон ............ 109
Аҳодиси мактаби Аҳли Байт ............ 142
Ояти вузӯ аз дидгоҳи уламо ............ 145
Натиҷаи ин баҳс ва суханони аҷиб ............ 152
Иддаои насхи масҳ аз ояти вузӯ ............ 164
Теъдоди шустан ва масҳи аҷзо ............ 169
**5. Масҳи бар хуффайн ва мӯза ............ 175**
Ахбори мактаби Аҳли Байт ............ 193
Масҳ баъд аз нузули Моида ............ 201
Тазаккури чанд матлаби муҳим ............ 207

# Муқаддимаи китоб

Яке аз воҷиботе, ки Худованди Мутаол дар Қуръони Карим ва Паёмбари гиромӣ (*Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи*) дар суханони гуҳарбори хеш мо мусулмононро ба он суфориш намудаанд, ваҳдат ва якпорчагист чунон, ки ба шиддат аз тафриқа ва ҷудоӣ барҳазар доштаанд. Худованди Мутаол мефармояд:

"وَاعْتَصِمُواْ بِحَبْلِ اللّهِ جَمِيعًا وَلاَ تَفَرَّقُواْ وَاذْكُرُواْ نِعْمَةَ اللّهِ عَلَيْكُمْ إِذْ كُنتُمْ أَعْدَاء فَأَلَّفَ بَيْنَ قُلُوبِكُمْ فَأَصْبَحْتُم بِنِعْمَتِهِ إِخْوَانًا وَكُنتُمْ عَلَىَ شَفَا حُفْرَةٍ مِّنَ النَّارِ فَأَنقَذَكُم مِّنْهَا كَذَلِكَ يُبَيِّنُ اللّهُ لَكُمْ آيَاتِهِ لَعَلَّكُمْ تَهْتَدُونَ".

"Ва ҳамагӣ ба ресмони Худо чанг занед ва пароканда машавед ва неъмати Худоро ба худ ёд кунед он гоҳ, ки бо якдигар душман будед, пас миёни дилҳои шумо ҳамдамӣ ва пайванд дод то ба неъмати Вай бо ҳам бародар гаштед ва бар лабаи партгоҳе аз оташ будед, пас шуморо аз он раҳонид. Худо инчунин оятҳои худро барои шумо равшан баён мекунад то роҳ ёбед".[1]

Ва низ мефармояд:

"وَلاَ تَنَازَعُواْ فَتَفْشَلُواْ وَتَذْهَبَ رِيحُكُمْ".

1. Сураи Оли Имрон, ояти 103.

“Ва бо якдигар ситеза ва кашмакаш макунед, ки суст ва баддил шавед (ва обрӯятон равад)”.[1]

Вале мутаассифона ҳолу шароити мусулмонон, хусусан дар асри ҳозир чунин аст, ки тафриқа ва ҷудоӣ аз ҳам, бар ҳаёти онҳо чира гашта. Онҳо ба ҷои ин ки бо ҳам якпорча ва ҳамдил бошанд ҳамон гуна, ки Худованди Мутаол ва Паёмбари гиромӣ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ фармудаанд, ба сабаби масоили ночиз аз ҳам ҷудо ва бо якдигар дар ситезу кашмакашӣ қарор доранд.

Ва аҷибтар он аст, ки онҳо бо ин ки тақрибан дар ҳаштод дар сад масоил бо ҳам иттифоқи назар доранд монанди он ки ҳамагӣ ба ягонагии Худо, паёмбарии ҳазрати Муҳаммад *(Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)*, рӯзи қиёмат имон ва ҳамагӣ ба фарз будани адои намоз, рӯзаи моҳи шарифи Рамазон, ҳаҷҷи хонаи Худо, закоти мол ва садҳо масоил ва заруриёти динӣ пойбанд ҳастанд, вале ин ҳама масоили муштаракро нодида гирифта, ба хотири вуҷуди ихтилофи назар дар баъзе аз масоили фаръӣ ва ночиз, аз ҳам дур шуда ва дур мешаванд.

Яке аз асбоби ҷудоии онҳо, адами ошноии эшон нисбат ба эътиқодот ва аҳкоми фиқҳии хосси якдигар аст, ки агар огоҳии кофӣ аз онро медоштанд, дар чунин шароите қарор намегирифтанд. Банда худ мушоҳида кардам, ки бархе аз бародарони аҳли суннат, сабаби ҷудоӣ ва дурии хешро аз бародарони шиа ин медонанд, ки шиаён – масалан – дар вузӯъ ба ҷои шустани поҳо (ки аҳли суннат ба он эътиқод доранд), бар поҳояшон масҳ мекашанд. Ва ё масҳ ба мӯзаро (ки порае аз аҳли суннат, хусусан ҳанафиҳо бар он ҳастанд) қабул надоранд ва ё дар ҳангоми намоз дастонашонро боз ва раҳо мегузоранд, на ин ки монанди бақияи мусулмонон дастонашонро бубанданд. Ва ё дар намоз бо садои баланд

1. Сураи Анфол, ояти 46.

"Бисмиллоҳ" мехонанд ва даҳҳо масоили инчунинӣ.

Гӯё ғофил аз инанд, ки ҳамчунон, ки аҳли суннат, аҳком ва масоили фиқҳии худро аз манобеи аввалия: Қуръон ва суннат истинбот намудаанд, шиа низ аҳкомеро, ки ба он пойбанд ҳастанд, аз кисаи худ барнадоштаанд, балки онҳо низ ин аҳкомро аз Қуръон ва суннат баргирифтаанд, танҳо ин ки фуқаҳои аҳли суннат агар мӯътақид бар шустани поҳо – масалан – шудаанд, ин натиҷаи истинбот ва бардошти эшон аст аз манобеъ ва ҳамчунин шиа низ агар мӯътақид бар масҳ ҳастанд, ин натиҷаи истинбот ва иҷтиҳоди онҳост дар ин масоил.

Лозим ба ёдоварист, ки ихтилоф дар ин масоил набояд мояи ҷудоӣ ва тафриқа гардад. Маъруф аст, ки "Муҷтаҳид (касе, ки аҳкомро аз манобеъ истинбот менамояд) агар дар иҷтиҳодаш комёб гардид (ва истинботаш дуруст буд), барояш ду аҷр (подош) аст, вале агар ноком шуд (ва иҷтиҳодаш нодуруст буд), барояш як аҷр хоҳад буд".

Албатта ман гуфтанӣ нестам, ки дар воқеъ ҳукми дин яке нест, балки мӯътақидам, ки дар воқеъ як ҳукм аст ва Худо аз мо ҳамонро мехоҳад. Лекин Худои Меҳрубон дар ин ҷо барои бандагон лутф карда ва онҳоро дар сурате, ки аҳкомашон мутобиқи воқеъ набошад ва албатта муҷтаҳид ниҳояти талоши худро дар истинботи аҳком ба харҷ дода бошад, маъзур доштааст. Бинобар ин, чунин ихтилофҳое набояд мояи ҷудоии мо мусулмонон аз якдигар бошад.

Ин буд, ки банда тасмим гирифтам ин китобро, ки дар бар дорандаи баёни порае аз аҳкоми хилофист миёни мусулмонон ба риштаи таҳрир даровarda ва пешкаши хонандагони азизи тоҷикӣ намоям то бо ошноии бо он, бештар ба дигар бародарони мусулмони худ, ки мазҳабе ғайри мазҳаби ононро доранд наздик гарданд. Ва мутмаин ҳастам, ки бо ошноӣ бо он, мусулмонон бо ҳам наздик хоҳанд шуд ва хоҳанд фаҳмид, ки ихтилоф дар порае аз

масоил ҳаргиз боис намешавад, ки мо аз якдигар дур ва бо ҳам дар ситез бошем.

Худованди Мутаол ин амали ночизро аз мо қабул фармояд ва амали холисонаро ҳамеша барои мо каромат фармояд, барои худ ва ҳамаи муслимин маърифат дар дину амал ва оқибатбахайриро аз Худованди Мутаол масъалат дорам.